# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Яке аз вижагиҳои асосии таҳқиқи рисолаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори нахуст дар забоншиносии тоҷикӣ доир ба ҷиҳатҳои забони топонимҳои воҳаи Сурхон аз дидгоҳи истифодаи қабатҳои луғавӣ, анҷомаҳои топонимсоз, шаклгирии онҳо изҳори назар карда, дар диссертатсия категорияҳои лексикии соҳаи ономастика, чун: топонимҳо, ойконимҳо, оронимҳо, гидронимҳо, комонимҳо, полионимҳо ва этнотопониму антротопоним, зоотопониму фитотопонимҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, вижагиҳои алоҳидаи ин унсурҳои луғавиро муайян карда, сохтори таркибии диссертатсияро ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима ташкил медиҳанд.

Дар таҳияи муқаддимаи фишурда **ва** диссеертатсия муқаррароти рисоланависӣ риоя гардидааст ва ҳамаи бандҳҳои талабот оварда шуда, доир ба ҳадафи таҳқиқ, навгониву коркарди мавод, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, манбаъ, асосҳои назарию амалии таҳқиқ, усулу равиши таҳқиқ ва амсоли инҳо баён шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки аз 4 фасл таркиб ёфтааст ва бо унвони «Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии минтақа» ёд мешавад, ҳудуди ҷуғрофӣ ва таърихии воҳаи Сурхон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабиву бадеӣ шарҳу тафсир меёбад. Унвоҷӯ дар ин боб тафсири лингвоҷуғрофӣ ва таърихии топонимҳои Сурхонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Баррасию таҳлил дар пояи мавводи осори ҷуғроғифию таърихӣ сурат мегирад ва андешаву мулоҳизаҳои диққатҷалбкунандаи муҳаққиқонро доир ба мавзеъҳои таърихии воҳаи Сурхон меоварад.

Дар бобҳои дувум («Баррасии вижагиҳои луғавии ҷойномҳои воҳа») ва сеюм («Баррасии вижагиҳои сохтории топонимияи воҳа») топониму микротопонимҳои воҳаи Сурхон аз нигоҳи сохтор ва маънои луғавӣ мавриди пажӯҳиш қарор мегиранд ва маводи топонимии ин бахшҳо аз зербахшҳо таркиб ёфта, доир ба ҳар як бахшу зербахш мисолҳои зиёде оварда мешавад ва онҳо аз нигоҳи маъноиву сохторӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Аз рӯйи таҳқиқи муаллиф маълум мегардад, ки топонимҳои воҳаи Сурхонро аз нигоҳи сохтор топонимҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора топонимҳо ташкил

дода, аксари онҳо таърихи қадима ва мансуби забонҳои эронианд. Инчунин аз нигоҳи вижагиҳои луғавӣ маводи фарогиранда ба ду фаслу даҳ зерфасл дастабандӣ шуда, дар ҳар фаслу зерфасл як паҳлӯи масъалаи ба мавзуъ марбут аз ҷониби унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар бахши **хулоса** натиҷаи баррасиву таҳқиқ ва хулосаҳои мушаххаси рисоланавис зимни чанд нукта оварда мешавад. Замимаи рисола фарогири «Луғати мухтасари топонимҳо» аст.

Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқ дар он таҷассум меёбад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии топонимҳои воҳаи Сурхон роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки топонимҳо дар он нақш доранд, метавон ибрози андеша карда, маводи рисолаи мазкурро дар дарсҳои лексионӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ [ономастика], шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Аврупо ва Осиё, таърих, ҳуқуқ ва дигар риштаҳои илмҳои башардӯстӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. ва ҳамчунин вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки кори пажӯҳишии анҷомдодаи унвонҷӯ М.А. Турсунова мустақилона буда, дар он баёни пайдарҳамии афкор, мавҷуд будани робитаи фикр дар баёни андеша баръало эҳсос мешаванд, ки ин далолат аз пухтакориву омодагии муҳаққиқ нисбат ба мавзуи таҳқиқро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад.

Ногуфта намонад, ки фишурдаи диссертатсия низ аз баъзе нуқсону ғалатҳои техникӣ ва услубиву имло орӣ набуда, барои беҳ гардидани муҳтавои он дар оянда чанде аз онҳоро дар поён зикр мекунем:

1.Маводи топонимии ҳар минтақа захираи забонии ҳам мардум ва ҳам забони адабии ин ё он халқ аст. Дар шаклгирии ҷойномҳои воҳаи Сурхон ҳам нақши забони тоҷикӣ ва ҷоғҷо забони ӯзбекӣ аст. Аз ин рӯ, бояд таъсири мутаносиби ҳамин забонҳо бояд нишон дода мешуд. Умед дорем, ки оянда ба ин масъала низ унвонҷӯ таваҷҷуҳ хоҳад кард.

2. Инчунин дар шинохту муайян кардани ҷойномҳои берун аз ҳудуди Тоҷикистон муҳаққиқони хориҷӣ таъсири забони тоҷикиро камтар нишон

медиҳанд ва дар таълифоти худ таъсири забонҳои ғайритоҷикиву ғайриэрониро бештар нишон медиҳанд. Дар шинохти ҷойномҳои воҳаи Сурхон низ чунин амалро дидан мумкин аст. Дар иртибот ба ҳамин масъала назари муҳаққиқ он қадар равшан ифода наёфтааст. Дар оянда ба ҳамин масоил низ диққат дода шавад.

3. Дар фишурда такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг. с. 12, 19).

4. Дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 17).

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, зуд ислоҳшавандаанд ва ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ҳамин тавр, фишурдаи диссертатсияи **Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон»,** ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ донистан мумкин аст.

**Муқарриз:**
Номзади илми филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Назаров М.Н.

«11» май соли 2023.

Имзои Назаров М.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

«11» май соли 2023.